## ТАҚРИЗ

**ба рисолаи номзадии Шералии Сайдалӣ дар мавзӯи «Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ - инноватсионӣ» (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат**

Рушди иқтисоди бозорӣ ва заминаҳои меъёрии он ба ташкили шаклҳои нави субъектҳои хоҷагидорӣ дар сатҳи минтақаҳо мусоидат мекунанд. Дар таъмини қувваи корӣ мутахассисони ин субъектҳо дар минтақаҳо нақши калидиро мебозанд.

Аз ҳамин лиҳоз, бозори меҳнат унсури калидии дилхоҳ низоми иқтисодӣ буда, тамоюли инкишофи соҳаҳои алоҳидаи иҷтимоиёт ва иқтисодиёт ба он зич алоқаманд мебошад. Нуқтаҳои зикршуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки як қатор муаммоҳои идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ – инноватсионӣ пайдо шуда ҳалли он амри зарурӣ мебошад. Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон зери мафҳуми бозори меҳнат соҳаи ташаккули талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ дар назар дошта шудааст, ки дар доираи фазои муайяни иқтисодӣ муносибатҳои мутақобилаи байни корфармоён ва кормандонро оид ба мубодилаи ихтисос, дониш, маҳорат, қобилият ва салоҳиятнокиро ба музди меҳнат муайян менамояд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқи бозори минтақавии меҳнати вилояти Хатлон мавриди омӯзиши механизми идоракунии он дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ – инноватсионӣ мавриди такмилдиҳӣ қарор дода шавад.

Дар қисмати муқаддимаи диссертатсияи тақризшаванда мубрамии мавзӯи таҳқиқшуда, дараҷаи коркарди илмии мушкилоти мавриди омӯзиш қарордошта, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ аз ҷониби муҳаққиқ муайян ва асоснок карда шудааст (саҳ.4-6).

Қисми «Тавсифи умумии таҳқиқот» бошад, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект, мавзӯъ ва фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявию методологӣ ва сарчашмаи иттилоотию пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот ва нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалӣ ва дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия ва интишороти муаллифро аз рӯйи мавзӯи диссертатсия бо пуррагӣ фаро гирифтааст (саҳ.6-14).

Боби аввали диссертатсия ба асосҳои назариявии идоракунии бозори меҳнат дар низоми иқтисодиёти индустриалӣ – инноватсионӣ бахшида шуда, (саҳ.16-75) дар ин қисмати таҳқиқот муаллиф моҳияти бозори меҳнат ва идоракунии онро таҳқиқ намуда (саҳ.16-38), усулҳо ва намудҳои идоракунии бозори меҳнатро тавонистааст муайян ва дақиқ намояд.(саҳ.39-53). Ҳамчунин дар ин боб шароиту имкониятҳои роҳандозии таҷрибаи хориҷии идоракунии бозори меҳнат дар иқтисоди миллӣ ва минтақаҳои он ошкор карда шудааст (саҳ.54-75).

Боби дуюми таҳқиқот «Ҳолати муосири идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ – инноватсионии вилояти Хатлон» унвон гирифта, (саҳ. 76-131) дар ин қисмат ҳолати муосири раванди идоракунии бозори меҳнат омӯхта шуда (саҳ. 76-97), бозори меҳнат дар шароити норасогии ҷойҳои корӣ таҳлил гардидааст (саҳ.98-112). Ҳамчунин муаллиф омилҳои муайянкунандаи самаранокии фаъолияти бозори меҳнатро дар заминаи рақамҳои оморӣ расмӣ ва дигар маълумоти илман асоснок таҳлил намуда, онҳо муайян, ошкор ва баҳодиҳӣ кардааст (саҳ.113-131).

Дар боби сеюми диссертатсия «Такмили механизми танзим ва идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ – инноватсионии вилояти Хатлон» ҷой дода шуда (саҳ.132-179), самтҳои

алоҳидаи танзими давлатии бозори меҳнати минтақа (саҳ.132-149) такмил дода шуда, заминаҳои мавҷудаи ба ҷараёни рушд мусоидаткунанда ҳамчун унсури ба коркарди консепсияи бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ муайяну ошкор карда шудааст (саҳ.150-165). Ҷиҳати такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар низоми индустриалӣ-инноватсионӣ аз ҷониби муаллиф тавсияҳо коркард ва пешниҳод карда шудааст(саҳ.166-179).

Қисмати хулоса ва пешниҳоди диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва пешниҳодҳои мушаххасро оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои бадастоварда дар бар мегирад (саҳ.180-187).

Ҳамин тавр, рисолаи номзадии Сайдалии Шералӣ дар мавзӯи «Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ - инноватсионӣ» (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат омода буда, ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ: д.и.и., профессори**
**кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Қурбонов А.К.**

Дурустии имзои **Қурбонов А.К.**-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.
« 16 » 05 с 2025